“Т А С Д И Қ М Е К У Н А М”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филология, профессор
Гулназарзода Ж.Б.
_______________________
«29» апрели 2023 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи номзадии Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи “Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи “Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик” дар доираи шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ навишта шуда, ба он мутобиқат менамояд.

Истилоҳи амсила ва амсиласозӣ, ки ба таври гуногун тафсир карда мешаванд, дар марҳилаи барқароршавии фразеология ҳамчун илм ва ҷудо намудани фразеологизмҳо ҳамчун воҳидҳои махсуси забон масъалаи амалисозии воҳидҳои фразеологӣ ба раванди ҳосилшавии фразеологизмҳо дахлдор буд.

Яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносӣ дар соҳаи омӯзиши фразеология шакл ва қолабҳои сохташавии воҳидҳои фразеологӣ мебошад, ки аз нуқтаи назари забоншиносӣ аҳаммияти калонро соҳиб шуда метавонад. Диссертант мавзуи мазкурро интихоб намуда, шаклу қолабҳои сохташавии воҳидҳои фразеологиро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки он барои ҳаллу фасли бисёре аз масъалаҳои назариявии фразеология, аз ҷумла муносибати фразеология бо сарфу наҳв, таърихи инкишоф, шаклгирӣ ва тағйирёбии воҳидҳои фразеологӣ кумак расонида метавонад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Дар диссертатсияи илмӣ сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳамияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунад.

Саҳми фардии муаллиф, ҳамчун, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Нишондиҳандаи саҳми шахсии муаллифро муносибати методологии ӯ нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ ташкил медиҳад, ки он барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Муаллиф дар таҳқиқи диссертатсия усули тасвирӣ-системавиро ба кор бурдааст, ки аввал мулоҳиза ва баъдан маводи тасдиқкунанда ва ё баръакс ба кор рафтааст, дар раванди таҳқиқ методи оморӣ, муқоисавӣ –таърихӣ ва типологиро ба кор бурдааст.

Дар қисмати дараҷаи омӯзиш дар диссертатсия оид ба мафҳуми ибораҳои ҳамранг ё ҳамқолаб (серия) маълумот дода шуда, қайд гардидааст, ки он бори аввал аз ҷониби забоншиноси швейтсарӣ Шарл Балли истифода шудааст. Дар ин қисмати диссертатсия омӯзишу таҳлили қолаби фразеологизмҳо аз ҷониби забоншиносони хориҷиву ватанӣ дарҷ шудааст. Дар забоншиносии тоҷик низ ба ин масъала равона шудани диққати забоншиносон аз ҷониби муаллиф дарҷ мегардад, вале ӯ қайд менамояд, ки омӯзиши ин масъала то ин дам ба доираи муайяни таҳқиқтот надаромадааст. Таҳқиқи мукаммали ин масъала мувофиқи андешаи диссертант барои муайян намудани бисёре аз масоили фразеологияи тоҷик кумаки калон расонида метавонад.

Мавриди таҳқиқи масъалаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб диссертант ба назарияҳои илмии муҳаққиқон В.В. Виноградов, Ш. Балли, В.П. Жуков, В.Л. Архангелский, С.Г. Гаврин, В.М. Мокиенко, Ю.А. Рубинчик, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов ва С.В. Хушенова ба сифати асоси назариявӣ такя намудааст.

Нуктаҳои муҳии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро муҳаққиқ муайян намуда, дар доираи 5 банд ба таври мушаххас пайдарҳам овардааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Дар доираи мавзуи мавриди таҳқиқ қарордодаи худ Одинаев Саидаҳмад якчанд мақолаҳои илмиро таҳия намуда ба нашр расондааст, ки дар оянда аз он муҳаққиқони дигар метавонанд истифода намоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия бори аввал силсилаи фразеологизмҳои ҳамқолаб таҳқиқ шуда, қолабҳои нисбатан серистеъмоли сохташавии ВФ-и забони тоҷикӣ нишон дода мешаванд, ки навгонии илмии таҳқиқро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, муносибатҳои лексикии категорияҳои гуногуни фразеология-гунаҳо, муродифот, мутазодҳо ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар раванди омӯзиши мавзуъ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқро** ба назар гирифта диссертант қайд менамояд, ки дастовардҳои он дар мавриди таҳқиқотҳои илмӣ оид ба масъалаи фразеология, лексикология ва синтаксис метавонад ба кор равад, инчунин ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ оид ба лексикология ва фразеология, дар мавриди тартиб додани васоити таълимӣ оид ба фразеологияи тоҷик истифода бурдан мумкин, дар

раванди тайёр кардани курсҳои махсус ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ оид ба фразеология, ҳангоми тартиб додани луғатҳои фразеологӣ нақши муҳим дорад.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима ва се боби асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашудаи илмӣ ва бадеӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он 162 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия "Мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни гурӯҳҳои дигари сохтории фразеологияи забони адабии муосири тоҷикӣ" ном дошта, ба масъалаи муайян намудани нишонаҳои умумӣ ва махсуси ВФ-и забони тоҷикӣ бахшида шудааст, ки он аз ду фасл ва 5 зерфасл иборат аст. Фасли аввали боби номбурда "Нишонаҳои лингвистии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ" ном дорад, ки дар навбати худ ба се зерфасл ҷудо мешавад. Зерфасли аввал нишонаҳои умумии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро баррасӣ менамояд. Дар диссертатсия нишонаҳои умумии ВФ ба панҷ гурӯҳ ҷудо шуда, вобаста ба он муаллиф кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки як қатор фразеологизмҳоро барои тасдиқи фикр оварда таҳлил намояд.

Зерфасли дуюми фасли мазкур "Нишонаҳои махсус ё идиоматикии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ" ном дорад. Диссертант қайд менамояд, ки нишонаи идиоматикии ВФ, пеш аз ҳама дар шакли дохилии онҳо маҳфуз аст. Дар ВФ ҳамеша воқеиятҳои муайян, рӯйдодҳои таърихӣ ё мифологӣ, ҳодисаҳои муайяни маишӣ, хурофоти динӣ ва ғайра таҷассуми худро меёбанд. Заминаи ба вуҷудорандаи шакли дохилии ВФ ва навгониҳои мухталифи маъноӣ минбаъд ба маънои маҷозӣ истифода шудани он, образнокӣ ва ба дигар забон айнан тарҷума шудани онро фароҳам меоранд. Инчунин экспрессивият ё худ эҳсосоти гуногунро ифода кардани ВФ нишонаи нисбатан муҳимми идиоматикии он ба ҳисоб меравад. Дар байни аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ яклухтии маъно ва устувории сохторашонро диссертант аз ҳама муҳим медонад.

Зерфасли сеюми боби аввал перомуни масъалаи "Мақоми нишонаҳои сохторӣ дар таснифи гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ" баҳс менамояд.

Фасли дуюми боб дар навбати худ гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва мавқеи қолабҳои фразеологӣ дар байни онҳоро дар бар мегирад. Он аз ду зерфасл иборат буда, дар ин фаслҳо ҷумлаҳои фразеологӣ ва ибораҳои фразеологӣ аз нигоҳи қолаб таҳлил шудаанд.

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки ҷумлаҳои фразеологӣ ҳамчун воҳиди махсуси забон хусусиятҳоеро зоҳир менамоянд, ки барои дигар навъҳои фразеологизмҳои забони тоҷикӣ низ хос мебошанд ва аз хелҳои ҷумлаҳои сирф синтаксисӣ фарқ мекунанд. Хусусиятҳои умдаи ҷумлаҳои фразеологӣ дар шаклҳои умумиёфтаи грамматикии онҳо таҷассум меёбанд.

Зерфасли аввали фасли дуюм перомуни ҷумлаҳои фразеологӣ ва қолабҳои фразеологии онҳо баҳс менамояд. Дар ин қисмат қайд мегардад, ки ҷумлаҳои фразеологӣ чун ибораву таркибҳои фразеологӣ вазифаи номинативӣ доранд ва дар матн як аъзои ҷумларо иҷро мекунанд.

Зерфасли дуюми фасли мазкур "Ибораҳои фразеологӣ ва қолабҳои фразеологии онҳо" ном дорад. Ибораҳои фразеологӣ воҳиди тайёри яклухт буда, зимни муошират сохта намешаванд. Дар диссертатсия мушоҳида гардид, ки ибораҳои фразеологӣ аз рӯйи сохтори зоҳириашон ва аз рӯйи воситаҳои грамматикии шахшудамондаи таркибашон ба қолабҳои зерин ҷудо карда шудаанд:

Ибораҳои изофӣ (оинаи ибрат), ибораҳои фразеологии пешояндӣ (ба даҳон қулф задан) бо навъҳои гуногуни пешояндҳо, ибораҳои фразеологии ҳамроҳӣ ва ибораҳои фразеологии мансуб ба ҳиссаҳои нутқ дар ин қисмат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ҳамин тариқ, диссертант дар хулосаи боб қайд менамояд, ки аз ҷиҳати сохторӣ ВФ ба қолабҳои сохтории синтиксисӣ шабоҳат дошта, ин шабеҳият ҷиҳати зоҳирии онҳо буда, хусусияти умдаи онҳо бахши фразеологияро ба яке аз қисматҳои мустақили забон табдил додааст.

Боби дуюми диссертатсия "**Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва хосиятҳои муҳимтарини онҳо**" унвон гирифтааст, ки аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввали боб "Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ҳамчун як навъи махсуси сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ" ном дорад. Дар ин фасл устувории сохти грамматикии фразеологизмҳои ҳамқолаб зикр гардида, муаллиф сохтори онҳоро ба ду гурӯҳ дуҷузъа ва серҷузъа ҷудо мекунад, ки дар навбати худ воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъаро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст, ки инҳо воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби дуҷузъаи изофии номӣ ва дуҷузъаи феълӣ мебошанд. Вобаста ба ин навъҳо диссертант аз асарҳо С. Айнӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Ф.Ниёзӣ, Саттор Турсун, Ф.Муҳаммадиев, Ӯ.Кӯҳзод, Ҷ. Икромӣ, У. Холиқов, А. Самадов, И. Файзуллоев, Ю. Акобиров, А. Баҳорӣ, Баҳром Фирӯз, Ҳ. Аскар, М. Removed Бобоҷонов, М. Бахтӣ ва дигарҳо мисолҳои фаровоне оварда, онҳоро шарҳу эзоҳ додааст. Дар фасли дуюми боби мазкур "Гунаҳои воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб" диссертант кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки фразеологизмҳои ин гурӯҳро вобаста ба хусусияти фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ тарҳрезӣ намояд. Ӯ қайд менамояд, ки алоқамандии гунаҳои фразеологӣ ва воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як фразеологизми ба силсилаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дохилшаванда дар навбати худ гунаҳо дошта метавонанд. Бо вуҷуди байни ҳам алоқаманд будани гунаҳои фразеологии ҳамқолаб ва воҳидҳои фразеологӣ инчунин хусусияти хоси онҳо фарқияти байни онҳоро нишон медиҳанд.

Фасли сеюми боби мавриди таҳлил "Омилҳои ташаккули семантикаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб" ном гирифтааст. Дар ин фасл муаллиф қайд намудааст, ки дар фразеологизмҳои забони тоҷикӣ дар баробари ивазшавии ҷузъҳои

ивазшаванда, инчунин ивазшавии ҷузъҳои доимӣ низ ба назар мерасад, ки албатта мисолҳоро аз адибони гуногун овардааст ва гумон меравад, ки ин ивазшавӣ аз хусусияти фардии забони осори адибон вобаста аст.

Боби сеюми диссертасия "Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо дигар категорияҳои фразеологӣ" унвон гирифтааст. Дар ин боб мавзуи баҳс фразеологизмҳо ва категорияҳои дигари онҳо- гунанокӣ, муродифот ва мутазодоти фразеологӣ мебошад. Муҳаққиқибораҳои фразеологии "ангушти ҳайрат газидан, ангушти ҳасрат газидан ва ангушти пушаймонӣ газидан"-ро оварда зикр менамояд, ки бо вуҷуди сохтору таркиби ба ҳам наздик доштан ин воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати маъно ва мавриди истеъмол фарқ мекунанд, зеро ҳайрат, ҳасрат ва пушаймонӣ ҳолатҳои гуногуни руҳии инсон мебошанд. Баъдан дар ин қисмат ибораҳои фразеологие, ки хусусияти антонимӣ доранд, таҳлил мегарданд. Ибораҳои "ба мобайни обу оташ партофтан" –"аз об хушк баромадан", "ба мисли хас оташ гирифтан"-"мум барин об шудан"(дисс. С 111).

Вобаста ба ин навъҳои фразеологизм диссертант фаслҳои алоҳидаро тарҳрезӣ намудааст ва фасли аввали ин боб "Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва муродифоти фразеологӣ" ном гирифтааст. Дар ин фасл як гурӯҳ ибораҳои фразеологиро бо ҳам муродиф нишон додани муаллиф, ки ҳар мисол аз осори адибони алоҳидаи тоҷик мебошад, ба назар расид. "Тосу кӯзаи зиндагиро ғундоштан", "қолаб тиҳӣ кардан", "ба аспи чӯбин савор шудан" барин ибораҳо шабеҳи мазмуни иборaи фразеологии "қолаб тиҳӣ кардан"-ро дорад (дисс. С 120 ), ки ҳамаи ин ибораҳо мафҳуми мурданро ифода менамоянд.

Дар фасли дуюми боби мазкур "Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва мутазодоти фразеологӣ" сухан дар бораи хусусияти мутазодӣ касб намудани воҳидҳои фразеологӣ меравад. Дар ин фасл як гурӯҳ фразеологизмҳои забони тоҷикӣ ҷамъ оварда шудаанд, ки бо вуҷуди қолаби ба ҳам монанд доштан мазмуни онҳо ба ҳам зид мебошад: "муҳри омӯшӣ бар лаб задан"- "муҳри хомӯшӣ аз лаб бардоштан", "гапи касеро ба замин задан"-"гапи касеро ба замин нагузоштан" (дисс. С. 126) ва ғайра.

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои бадастомада зикр шудаанд, ки муаллифи диссертатсия онро дар доираи 9 банд дар таҳқиқи баанҷомрасондаи худ ҷой додааст. Дар рӯйхати адабиёт, ки аз ду қисмат иборат аст, адабиёти илмӣ ва адабиёти бадеӣ бандубаст гардидааст.

Диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович мавзуи ҷолиберо перомуни воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар бар гирифтааст, ки мисолҳои ҷамъовардаи он дар асоси "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ва асарҳои бадеӣ сурат гирифтаанд. Дар диссертатсия масъалаи фразеологизмҳои ҳамқолаб, ки то ин дам дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифта буд, баррасӣ шудааст. Дар таҳияи диссертатсия муҳаққиқ перомуни ин масъала ва ҷанбаҳои гуногуни ибораҳои

фразеологии ҳамқолаб андешаронӣ намуда, натиҷаи корро хулосабандӣ кардааст ва забони диссертатсия равон мебошад. Бо вуҷуди ин, дар таҳияи диссертатсия ва баёни фикр муаллиф ба як қатор норасоиҳо роҳ додааст, ки ислоҳу ҷобаҷогузории он ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар муқаддимаи кор "робитаи таҳқиқ бо мавзуъҳои ниҳоди илмӣ", "объекти таҳқиқот" "сарчашмаҳои таҳқиқ", "саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот" оварда нашудааст.
2. Зербобҳо тибқи талабот бо шрифти 14 навишта мешаванд, ки ин ҷиҳати техникӣ ба назар гирифта нашудааст (саҳ 21, 28, 37, 40).

2.1.Мундариҷаи диссертатсия ва саҳифабандии он бо дохили диссертатсия мувофиқ нест.

2.2. Номгузории бобу фаслҳои диссертатсия дар мундариҷа ва дохили кор ягона нестанд, яъне бо ҷузъиётҳо фарқ мекунанд (I.1.1; I.1.2.; I.1.3.;II.3; боби сеюм, )

2.3. Зерфаслҳои 1 ва 2 боби якум як хел рақамбандӣ шудаанд (I.2.1.).

2.4. Дар фасли дуюми боби якум ба сохтори воҳидҳои фразеологӣ ва мавқеи қолабҳои фразеологӣ таваҷҷуҳ шудааст. Дар оғози фасли мазкур сухан дар бораи таркибҳои фразеологӣ меравад, аммо дар зерфаслҳо ҷумлаҳои фразеологӣ ва ибораҳои фразеологӣ ҷой дода шуда, фасли таркибҳои фразеологӣ ба нақша гирифта нашудааст.

3. Дар таҳияи рисола ҷо-ҷо нуқтаи назари муаллиф дида намешавад (с. 31,32,33).
4. Эродҳо оид ба иқтибосҳо:

4.1.Дар баъзе фаслҳои диссертасия умуман иқтибос аз осори илмӣ дида намешавад (I.2.1. саҳ 43-47).

4.2. Диссертант дар саҳифаҳоии 124 ва 129 мисолҳоро аз асарҳои бадеӣ овардааст, вале ишораи иқтибосҳо ([112] ва [129]) аз диссертатсияҳо гирифта шудаанд.

4.3. Ҳама ҷумлаҳое, ки аз асарҳои бадеӣ оварда мешаванд, номи асарҳо дар қавси маъмулӣ пурра дарҷ мегардад (А.Баҳорӣ. Ду моҳи пурмағал, саҳ. 68). Хуб мешуд, ки он дар шакли қавси мураббаъ дар ин шакл [15.с.68] оварда мешуд.

5. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ (42,46, 47, 51, 54, 59, 60,62, 87, 155 ва ғ.) ба назар мерасанд.
6. Рӯйхати адабиёт бояд тибқи меъёр ва бо нишон додани саҳифаи асар оварда шавад, ки дар рӯйхати адабиёт баъзе асарҳо бидуни саҳифа оварда шудаанд. Адабиёти илмию бадеӣ ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд, ки дар қисмати адабиёти илмӣ адабиёти бадеӣ [93] ва [94] низ ба назар расид.
7. Таваҷҷуҳ ба олимони ватанӣ камтар ба назар расид. Диссертант бештар ба олимони хориҷӣ такя намудааст.
8.Баъзан мисолҳо бо ибора оварда мешаванд ва аломати баён гузошта шуда, ҷумлаҳо дар диссертатсия ҷой дода нашудаанд (саҳ. 11.)

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф, ки 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, асоси мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муҳаққиқи он – Одинаев С.П. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович зери унвони **"Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик"** таҳқиқоти пурра баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 25 апрели соли 2023, суратҷаласаи №9/1 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар чаласаи кафедра иштирок дошт: 16 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"– 16 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи забони тоҷикии
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода, номзади
илми филология, дотсент Усмонова Мунаввара Холиқовна

**Ташхисгар:**
номзади илми филологияи
кафедраи забони тоҷикии
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Мамадаминова Замира Бахтиевна

**Котиби илмии ҷаласа:** Холов Фарҳод Кенҷабоевич
Имзоҳои н.и.ф., дотсент М.Х.Усмонова,
н.и.ф Г.Ф. Сафарова ва м/к. Ф.К.Холоврo
**тасдиқ менамоям.**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
Махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
25.04.2023

Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Тел.: +992 37 232 50 00
Факс: +992372325000
Сомона: www.ddzt.tj